**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос дар мавзуи “Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ” аз руйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намуда, онро соли 2017 аз рӯйи ихтисоси 1-25010402 – Кори бонкӣ бо гирифтани тахассуси «иқтисодчӣ» хатм кардааст. Пас аз хатми зинаи бакалавриат дар соли 2017 ба магистратураи донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро дар соли 2019 бо ихтисоси 1-25010402 – Кори бонкӣ хатм кардааст. Аз соли 2019 то соли 2023 дар докторантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз руйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт таҳсил намудааст. Пас аз хатми докторантура дар ҳамин донишгоҳ имтиҳонҳои фарқиятро доир ба ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) аз фанҳои низоми электронӣ дар бахши молия, банақшагирӣ ваояндабинии молиявӣ, саводнокии молиявӣ, назорати бонкӣ, рушди бозори фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми молияи мамлактҳои хориҷа ва муаммоҳои муосири молиявӣ супоридааст. Дар давраи таҳсил дар докторантура дар якчанд коференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2020 сар карда Ҳаёев Қ.А. бо таҳқиқи масъалаҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ машғул мебошад. Ӯ дар раванди таҳсил дар докторантураи PhD давра ба давра нақшаи таълимиро иҷро намуда, ҳангоми навиштани кори илмии худ дар интихоб, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дараҷаи баланди мустақилиятро нишон дод. Доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуъ ва бахшҳои асосии диссертатсияи худ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи амалӣ ва оморӣ васеъ истифода бурдааст..

Дар давраи кунунӣ дастнависи диссертатсия муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти худи муҳаққикро ташкил медиҳад.

Дар боби якум мафҳуми устувории бонкҳои тиҷоратӣ аниқ ва муҳтавои иқтисодии он муайян карда шуда, омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ошкор ва нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳқиқ, хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд.

Дар боби дуюм раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таҳқиқ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ арзёбӣ карда мешавад.

Дар боби сеюм амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ такмил дода шуда, инчунин масъалаҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратии мушаххас - ҶСК «Бонки Эсхата» дар асоси идоракунии нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ баррасӣ мешаванд.

Ба докторанти PhD муясар гардидааст, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии таъмини устувории бонкҳоро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд, ки ин аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба докторанти PhD имконият фароҳам овард, ки хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшударо асоснок кунад, тавсия ва пешниҳодҳои худро вобаста ба муайян кардани самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ манзур намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, кори илмии баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мебошад. Доштани малакаҳои таҳлилӣ ба докторанти PhD имкон дод, ки таҳқиқоти худро дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳамияти амалӣ ва имконияти истифодаи натиҷаҳо аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ аз аҳамияти амалии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷрои кори илмӣ аз ҷониби докторанти PhD, маводи амалӣ ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда шудааст, усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудааст.

Ҳамин тариқ, Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич вазифаҳои таҳқиқотро бомуваффақият иҷро карда, ба мақсади таҳқиқот ноил гардидааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсияи Ҳаёев Қ.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Каримов Б.Ҳ.**

**Имзои Каримов Б.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

17.05.2024